**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-14 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Баротов Амирхон Холмирзоевич дар мавзуи “Ташаккул ва татбиқи иқтидори андозии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. - Молия муомилоти пулӣ ва қарз.**

Устуворнамоии иктидори андози минтақа дар марҳилаи муосири рушд ба унвони яке аз абзорҳои калидии такмили идоранамоии молияи ҷамъиятии минтақа маҳсуб меёбад. Дар шароити норасоии шаддиди захираҳои молиявӣ дар минтақаҳо ва маҳалҳо, ихтисори даромадҳои буҷетӣ бинобар сабаби таъсири омилҳои дохилию берунӣ ва мутаносибан ба вуқуъ пайвастани номувозинатӣ зимни тақсмиоти андозҳо вобаста ба сатҳу зинаҳои буҷети кишвар, масоили такмили механизмҳои мавҷуда ва шарту шароити андозбандӣ дар сатҳи минтақа ва афзоишдиҳии даромадҳои худдии устуворона таъминкунандаи воридоти маблағ ба буҷаҳои минтақаю маҳсал торафт мубрамтар мегардад.

Муаллиф, дар таҳқиқоти роҳандозӣ намудааш ба масоили ташаккул ва татбиқи иқтидори андозӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва махсусан вилояти Хатлонро мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, иброз доштааст, ки тақвияти иқтидори андозии минтақаҳои ҷумҳурӣ ҳамчун низоми мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ асоси рушди устувори саноатӣ маҳсуб меёбад, бинобар ин, ин муаммо махсус дар низоми сиёсати иҷтимоию иқтисодии кишвар таъкид гардидааст.

Ба андешаи муаллиф, заминаҳои илмӣ-методии асоснокгардонии равияҳои баҳодиҳии иқтидори андозӣ хусусияти комплексӣ доранд. Аз ин ҷиҳат, тақвияти иқтидори андозии минтақавӣ аз иқтидорҳои табиию иқтисодӣ, захиравию истеҳсолӣ, меҳнатӣ, иқтидори муносибатҳои иқтисоди берунӣ вобаста буда, дар ташаккули иқтидори буҷетию молиявӣ муайянкунанда баромад мекунанд. Омӯзиши масъалаи мазкур дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоят мубраму саривақтӣ арзёбӣ гардида, дар амалисозии равияҳои илмӣ-методии баҳодиҳандаи таасуроти алоқамандии иқтидори андозӣ аз нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ иборат мебошад

Дар умум метавон қайд намуд, ки рисолаи таҳқиқотӣ бо як тарзу услуби хоса ва бо назардошти талаботҳои мавҷуда мавриди омода ва баҳрадорӣ қарор дода шуда, муаллиф ба таври комил андеша ва назароти худро пешниҳод намудааст. Ҳамзамон, дар кори диссертатсионӣ камбудиҳое

ба назар мерасанд, ки хусусияти тавсиявӣ дошта, метавонанд мубрамияти рисолаи таҳқиқотиро бештар намоянд:

1. Муаллиф, дар раванди таҳқиқоти худ, бахри муайянсозии иқтидори андозии минтақаи Хатлон бояд тамоюилҳои тағйирёбии таркиби воридоти андоз ва омилҳои муайянкунандаи онро возеҳтар ифода менамуд.

2. Муаллиф, дар рафти таҳлили иқтидори андозии минтақа иброз доштааст, ки ташаккулёбии иқтидори андози минтақа аз ба назаргирии фаъолнокии иқтисодии субъектҳои хоҷагидории минтақа вобастагии зиёд дорад, аммо ин далели худро ба таври амиқ шарҳу тавзеҳ надодааст.

Дар умум автореферати диссертатсияи такризшаванда дар мавзуи "Ташаккул ва татбиқи иқтидори андозии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)" аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ба бандҳои Шиносномаи феҳрасти ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва муаллифи он Баротов Амирхон Холмирзоевич арзандаи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. Молия муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

н.и.и., и.в., дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Шафиев Б.З.

Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в., дотсенти кафедраи молия ва қарз Шафиев Б.З –ро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.А.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16, Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел.: 985202088, E-mail: shafiev-1985@mail.ru